# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



# Роҳбари маъбад назди Исо меояд

Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Byron Unger; Lazarus Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: M. Maillot; Sarah S.

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2025 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.



Рӯзе вақте ки Исо ба маъбад рафт, дид, ки одамон нисбат ба Хонаи Худо беҳурматӣ мекунанд. Онҳо рост дар он ҷо ҳайвонот мефурӯхтанд ва пул иваз мекарданд.



Исо аз банд қамчин сохта, онҳоеро ки харидуфурӯш мекарданд, аз маъбад пеш кард. Вай фармон дод: “Ин чизҳоро аз ин ҷо дур кунед. Хонаи Падари Маро ба бозор табдил надиҳед”. Исо Хонаи Падарашро дӯст медошт.



3



Роҳбарон аломат талаб мекарданд, то нишон диҳад, ки Исо барои тоза кардани маъбад ҳақ дорад. Исо ҷавоб дод: “Ин маъбадро вайрон кунед, Ман онро дар се рӯз месозам”. Ин ғайриимкон аст! Сохтани маъбад чилу шаш сол вақт гирифта буд.

4



Аммо Исо бадани Худро дар назар дошт. Ба монанди маъбад, бадани Ӯ низ ҷойи истиқомати Худо буд. Исо дар салиб мирад ҳам, Ӯ медонист, ки Худо Ӯро дар рӯзи сеюм аз марг зинда мекунад.

5



Шабона яке аз роҳбарони маъбад ба назди Исо омад. Ӯ аз рӯйи муъҷизаҳо медонист, ки Исо аз тарафи Худо фиристода шудааст. Никӯдимус барои дар бораи Худо зиёдтар донистан назди Исо омада буд.

6



Исо ба Никӯдимус гуфт, ки барои ба Подшоҳии Худо дохил шудан, одамон бояд аз нав таваллуд шаванд. Никӯдимус инро намефаҳмид. “Одами калон чӣ гуна аз нав кӯдак мешавад?” — мегуфт ӯ. Ғайри ин, вай одами диндор буд. Магар ин бас набуд?

7



Баъд Исо чунин фаҳмонд: “Он чи аз Рӯҳ таваллуд мeёбад, рӯҳ аст. Рӯҳи Худо ба монанди шамол аст. Одамон онро намебинанд ё онро намефаҳманд. Онҳо танҳо кори шамолро мебинанд.”

8


Исо ба Никӯдимус ёдрас намуд, ки чӣ гуна халқи Исроил чандин солҳо пеш ба Мусо шикоят карда буданд. “Мо хӯрок надорем, об надорем ва нонеро, ки Худо ба мо додааст, ганда мебинем” — гуфта буданд онҳо.
9


Ин гуноҳи одамон Худоро ба ғазаб овард. Ӯ ба байни онҳо морҳои оташдорро фиристод. Морҳо одамонро газидан гирифтанд. Бисёр касон мурданд.
10


“Мо гуноҳ кардем. Дуо кун, ки Худованд морҳоро дур созад” — зорӣ карданд одамон. Мусо барои онҳо дуо кард. Вале Худо морҳоро дур насохт.
11


Худо ба Мусо гуфт, ки мори оташдор сохта, онро ба сутун часпонад. “Ҳар каси моргазида ба мори сутун нигоҳ кунад, зинда мемонад” — ваъда дод Худо. Мусо мори мисин сохт ва онҳое ки ба он нигоҳ мекарданд, зинда мемонданд.
12


Исо ба Никӯдимус гуфт,
ки Писари Одам ба монанди мори мисин бояд ба боло бардошта шавад. Исо дар бораи салиб, ки дар он ҷо барои одамони гунаҳкор хоҳад мурд, гап зад.
13


Ӯ гуфт: ″Худо ин ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки Писари ягонаи таваллудшудаи Худро дод, то ҳар кӣ ба Ӯ имон оварад, намирад, балки ҳаёти абадӣ ёбад″.
14










Роҳбари маъбад назди Исо меояд

Ҳикоя аз Каломи Худо

Юҳанно 2-3, Ададҳо 21

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

18




41

60

19

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16

20